**аз 1 январи соли 2023 мавриди амал қарор дода мешавад**

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 25 октябри соли 2022, № 506

тасдиқ шудааст

# Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд (минбаъд - **Тартиб**) қоидаҳои таҳия ва пешбурди ҳисоботи оморӣ оид ба натиҷаҳои назорати прокурории амалисозӣ ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия", фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба баррасии муроҷиатҳо ва маълумот дар бораи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ошкоркунӣ ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, категорияҳои шахсони чунин ҷиноятҳоро содирнамуда, натиҷаи баррасии судии чунин парвандаҳои ҷиноятӣ, татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ва категорияҳои шахсони барои содиркунии чунин ҷиноятҳо маҳкумшуда, инчунин тартиби баҳисобгирӣ ва пешбурди ҳисоботи омории ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта, шахсони онҳоро содирнамуда ва феҳристи чунин ҳуқуқвайронкуниҳоро муайян менамояд. Тартиби мазкур ба ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ ва граждании ба коррупсия алоқаманд татбиқ намегардад.

2. Субъектҳои баҳисобгирандаи ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта инҳо мебошанд:

- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти давлатии дигаре, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати ошкор намудани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидоштаро доранд.

## 2. ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ КОРРУПСИОНИДОШТА

### §1. Шакл, сохтор ва асосҳои ҳисоботи оморӣ

3. Пешбурди ҳисоботи оморӣ оид ба вазъи ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта тибқи замимаи 1 (ҳисоботи омории шакли №1-коррупсия) ба роҳ монда мешавад.

4. Ҳисоботи омории шакли №1-коррупсия (минбаъд - **ҳисобот**) аз фаслҳои зерин иборат мебошад:

- **фасли 1** - "Вазъи назорати прокурории иҷро ва риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия";
- **фасли 2** - "Маълумот дар бораи дида баромадани муроҷиатҳо ва маълумот оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта";
- **фасли 3** - "Маълумот оид ба ошкоркунӣ ва ба қайд гирифтани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта";
- **фасли 4** - "Маълумот оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар соҳаҳо ва самтҳои фаъолият";
- **фасли 5** - "Маълумот оид ба натиҷаи пешбурди парвандаҳои ҷиноятии хусусияти коррупсионидошта";
- **фасли 6** - "Маълумот дар бораи шахсоне, ки ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштаро содир кардаанд";

- **фасли 7** - "Маълумот оид ба баррасии судии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта";

- **фасли 8** - "Маълумот оид ба ҷазоҳои таъиннамудаи судҳо барои содиркунии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта";

- **фасли 9** - "Маълумот оид ба шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта маҳкум шудаанд".

5. Нишондиҳандаҳои ҳисобот дар асоси ҳуҷҷатҳои бақайдгирии ибтидоӣ, варақаҳои омории шаклҳои №1.0 (дар бораи ҷинояти ошкоршуда), №1.1 (дар бораи фошкунии ҷиноят ва натиҷаҳои дигари тафтишот), №2.0 (дар бораи шахси ҷиноятсодиркарда) ва №3.0 (дар бораи ҳаракати парвандаи ҷиноятӣ) ва дар бораи натиҷаи судии баррасии парвандаи ҷиноятӣ (шакли №6) ташаккул меёбанд.

6. Субъектҳои баҳисобгирандаи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта метавонанд дар заминаи ҳуҷҷатҳои ибтидоии дар банди 5 Тартиб дарҷгардида, инчунин дар асоси варақаҳои омории шаклҳои №1м (дар бораи шахсе, ки ҷиноят содир намудааст), №4 (дар бораи натиҷаҳои ҷуброни зарар), №5 (дар бораи ҷабрдида) ва талон-хабарнома дар бораи фиристодани парвандаи ҷиноятӣ мувофиқи тобеияти тафтишотӣ ҳисоботи омории дохилиидоравиро бо истифодаи васеъ аз барномаҳои махсуси компютерӣ ба роҳ монанд.

7. Бақайдгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, парвандаҳои ҷиноятӣ ва шахсоне, ки чунин ҷиноятҳоро содир намудаанд, тибқи Тартиби пешбурди баҳисобгирӣ, қайди ягонаи ҷиноятҳо ва шахсони ҷиноят содирнамуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2009, №676 тасдиқ гардидааст, амалӣ карда мешавад.

## §2. Субъектони таҳиякунандаи ҳисобот, тартиби таҳия ва пешниҳоди он

8. Субъектони таҳиякунандаи фасли 1 ҳисобот "Вазъи назорати прокурорӣ оид ба иҷро ва риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд:

1) фасли 1 ҳисобот натиҷаҳои фаъолияти мақомоти прокуратура вобаста ба вазъи назорати прокурориро оид ба иҷро ва риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" инъикос намуда, аз рӯйи қоидаҳои барои таҳияи ҳисоботи омории шакли №П "Ҳисобот оид ба фаъолияти прокурор" муқарраршуда тартиб дода мешавад;

2) маълумоти дар фасли 1 ҳисобот инъикосшаванда аз маълумоти ҳуҷҷатҳои ибтидоии зерин, ки ба ҳисобот замима мешаванд, асос меёбад:

- рӯйхати санҷишҳои вазъи иҷро ва риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия";

- рӯйхати санадҳои эътинои прокурорӣ доир ба вайроншавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия";

- рӯйхати шахсони дар асоси санадҳои эътинои прокурорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ ва маъмурӣ ҷалбкардашуда;

- рӯйхати парвандаҳои ҷиноятии дар натиҷаи ин санҷишҳо ва дигар чорабиниҳо оғозкардашуда;

- маълумотнома оид ба маблағи зарари бо санадҳои эътинои прокурорӣ барқароршуда бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда;

3) дар сутуни 1 фасли 1 миқдори умумии санҷишҳои гузаронидашуда оид ба вазъи иҷро ва риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" нишон дода мешавад;

4) дар сутуни 2 ҳамчун "дигар чорабиниҳо" миқдори санҷишҳо аз рӯйи аризаҳо ва маълумот, инчунин чорабиниҳои бо мақсади дар ҷои ҳодиса бо далели шайъӣ дастгиркунии шахсон гузаронидашуда дарҷ мегардад;

5) ҳама рақамҳои дар сутунҳои 1-12 муқобили сатри ҷамъбастии 1 нишондодашаванда минбаъд дар сатрҳои 2-38 аз рӯйи навъи мақомоти идоракунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти назоратӣ ва соҳаҳои фаъолият тақсим карда мешаванд.

9. Субъектҳои таҳиякунандаи фасли 2 ҳисобот "Маълумот дар бораи дида баромадани мурожиатҳо ва маълумот оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта" мақомоти дар банди 2 Тартиб дарҷгардида (ба истисноӣ Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба ҳисоб рафта, фаъолияти ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқро оид ба баррасии аризаҳо ва маълумот оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта инъикос менамояд.

10. Фаслҳои 1 ва 2 ҳисобот ҳар семоҳа ва ҳар сол ба мақомоти прокуратура фиристода шуда, аз ҷониби ин мақомот ҷамъбаст ва дар ин замина аз натиҷаи он ҳисоботи минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ тартиб дода мешавад:

1) воҳидҳои сохтории субъектони таҳиякунандаи фаслҳои 1 ва 2 ҳисобот дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ҳисоботи худро барои

ҷамъбаст ба ёрдамчиёни сарпрокурори ҳарбӣ, прокурорҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, наклиёти Тоҷикистон, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба шуъбаи таҳлил ва омори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз санаи 1уми моҳи навбатии баъди семоҳа (сол)-и ҳисоботӣ пешниҳод менамоянд;

2) раёсату шуъбаҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчиёни сарпрокурори ҳарбӣ, прокурорҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, наклиёти Тоҷикистон, инчунин мақомоти марказӣ (ҷумҳуриявӣ)-и субъектони таҳиякунандаи фаслҳои 1-2 ҳисоботро на дертар аз санаи 5-уми моҳи навбатии баъди семоҳа (сол)-и ҳисоботӣ ба шуъбаи таҳлил ва омори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунанд;

3) шуъбаи таҳлил ва омори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар семоҳа ва ҳар сол дар муҳлати на дертар аз санаи 10-уми моҳи аввали баъди давраи ҳисоботӣ маълумоти омории фаслҳои 1 ва 2-ро ҷамъбаст ва ҳисоботи ҷумҳуриявиро тартиб дода, ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маълумот ва истифода дар таҳияи иттилоот ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

11. Субъектони таҳиякунандаи фасли 3 ҳисобот "Маълумот оид ба ошкоркунӣ ва ба қайд гирифтани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта" ва фасли 4 "Маълумот оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар соҳаҳо ва самтҳои фаъолият" ҳамаи субъектҳои бақайдгирандаи ҷиноятҳо ба ҳисоб рафта, аз ҷониби онҳо ҳар моҳ маълумот дар бораи вазъи бақайдгирию фошкунии ҷиноятҳо ва шахсони ҷиноят содиркарда бо ҷамъи афзуншаванда ва нишон додани минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармаркази иттилоотӣтаҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад:

1) Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маълумоти гирифташуда дар бораи ошкоркунии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва тақсимоти онҳо аз рӯйи соҳа ва самтҳои фаъолият тибқи фаслҳои 3 ва 4 ҳисобот ҳар семоҳа ва ҳар сол бо дарназардошти маълумоти афзуншаванда ва тақсимот аз рӯйи субъектҳои бақайдгирию минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти ҷамъбастиро тартиб дода, ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд;

2) фасли 3 ҳисобот дар асоси маълумоти варақаҳои омории шаклҳои №1.0 ва №1.1 пур карда шуда, миқдори ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, парвандаҳои ҷиноятии оғозгардида ва миқдори маводи бо асосҳои ғайрисафедкунанда аз оғози парвандаи ҷиноятӣ раднамудаи мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад;

3) фасли 4 ҳисобот низ дар асоси маълумоти варақаҳои омории шаклҳои №1.0 ва №1.1 пур карда шуда, мансубияти соҳавии ҷиноятҳои ошкоршударо инъикос менамояд. Дар сутуни 1 ин фасл ҳама ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ки аз рӯйи онҳо дар давраи ҳисоботӣ парвандаҳои ҷиноятӣ бо тасдиқи фикри айбдоркунӣ ба суд фиристода шудаанд, бо асосҳои ғайрисафедкунанда парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати онҳо қатъ карда шудаанд ё аз оғози парвандаи ҷиноятӣ бо чунин асосҳо аз тарафи мақомоти барои мубориза бар зидди коррупсия ваколатдор рад карда шудааст, нишон дода мешаванд.

12. Субъектони таҳиякунандаи фасли 5 ҳисобот "Маълумот оид ба натиҷаи пешбурди парвандаҳои ҷиноятии хусусияти коррупсионидошта" ва фасли 6 ҳисобот "Маълумот дар бораи шахсоне, ки ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштаро содир кардаанд" Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд:

1) фаслҳои 5 ва 6 ҳисобот ҳар моҳ бо ҷамъи афзуншаванда ва аз рӯйи тартибу муҳлатҳое, ки барои ҳисоботи омории шакли №1-Е "Ҳисобот оид ба кори тафтишотӣ" муқаррар шудааст, таҳия ва ба мақомоти прокуратура пешниҳод гардида, дар муҳлатҳои номбаршуда ҷамъбаст ва аз рӯйи онҳо ҳисоботҳои минтақавӣ (вилоятӣ ва шаҳри Душанбе) ва ҷумҳуриявӣ тартиб дода мешаванд;

2) фасли 5 ҳисобот аз рӯйи маълумоти ҳисоботи давлатии омории шакли №1Е "Оид ба кори тафтишот" пешбинишуда ва рӯйхатҳои ба он замимашаванда пур карда мешавад;

3) фасли 6 ҳисобот дар асоси маълумоти варақаи омории шакли №2.0 пур карда шуда, мансубияти идоравӣ ва мансабҳои ишғолнамудаи шахсони ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта содирнамударо инъикос менамояд.

13. Ба гурӯҳи шахсони ҷиноят содирнамуда ҳама шахсоне, ки парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати онҳо бо тасдиқи хулосаи айбдоркунӣ ба суд фиристода шудаанд, бо асосҳои ғайрисафедкунанда парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати онҳо қатъ карда ё аз оғози парвандаи ҷиноятӣ бо чунин асосҳо рад карда шудааст, дохил мешаванд. Миқдори умумии чунин

шахсон дар давраи ҳисоботӣ дар сутуни 1 фасл ва миқдори шахсоне, ки аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудаанд, дар сутуни 2 нишон дода мешавад. Рақамҳои дар сутуни 1 овардашуда аз рӯйи категорияҳои шахсони мансабдор дар сутунҳои минбаъда тақсим карда мешаванд.

14. Субъектони таҳиякунандаи фасли 7 ҳисобот "Маълумот оид ба баррасии судии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта", фасли 8 ҳисобот "Маълумот оид ба ҷазоҳои таъиннамудаи судҳо барои содиркунии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта" ва фасли 9 ҳисобот "Маълумот оид ба шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта маҳкум шудаанд" судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, онҳо ҳисоботи худро аз рӯйи маълумоти ҷамъшаванда ҳар семоҳа ва ҳар сол таҳия менамоянд.

15. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи ҷамъбастиро аз рӯйи фаслҳои дар банди 14 дарҷгардида ҳар семоҳа ва ҳар сол дар мӯҳлати на дертар аз санаи 5-уми моҳи навбатии баъди давра (семоҳа, сол)-и ҳисоботӣ ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

16. Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун манбаи асосии маълумот оид ба бақайдгирии ҷиноятҳо, шахсони ҷиноятсодиркарда, шахсони маҳкумшуда ва ҳаракати парвандаҳои ҷиноятӣ ҳар семоҳа ва ҳар сол ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъули пешбурди мониторинги омории вазъи мубориза бар зидди коррупсия мебошад, барои таҳлил ва муқоиса аз рӯйи фаслҳои 3-9 ҳисобот маълумотномаи ҷамъбастӣ пешниҳод менамояд.

17. Фаслҳои 7, 8 ва 9 ҳисобот дар асоси маълумоти варақаи омории шакли №6 тартиб дода мешаванд.

18. Дар фасли 7 ҳисобот ҷамъи сутунҳои 1 ва 3 ба ҷамъи сутунҳои 5, 22, 23, 24, 25, инчунин ҷамъи сутунҳои 7, 9, 11, 15 ба нишондиҳандаи сутуни 5 бояд баробар бошанд.

19. Фасли 8 ҳисобот давоми фасли 7 ҳисобот буда, маълумоти он на миқдори парвандаҳои ҷиноятии дар судҳо баррасишуда, балки миқдори шахсони дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби судҳо маҳкумшударо инъикос менамояд. Аз ин рӯ, ҷамъи маълумоти дар сутунҳои 1-8 фасли 8 ҳисобот бақайдгирифташуда бояд ба миқдори умумии маҳкумшудагон, ки дар сутуни 16 фасли 7 ҳисобот нишон дода мешаванд, баробар бошанд.

20. Дар фасли 8 ҳамчунин ҷамъи маълумоти дар сутунҳои 9-13 қайдшаванда бояд бо маълумоти сутуни 8 ҳамин фасл баробар бошад. Мутобиқи моддаи 48 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян метавонанд ҳам ба сифати ҷазоҳои асосӣ ва ҳам ба сифати ҷазои иловагӣ татбиқ шаванд. Аз ин рӯ, дар сурате, ки агар ҷазоҳои мазкур ба сифати ҷазоҳои асосӣ таъин шуда бошанд, ҷарима фақат дар сутуни 2 ва маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайянро фақат дар сутуни 3 нишон дода, такроран онҳо дар сутунҳои 17 ва 19 нишон дода намешаванд.

21. Фасли 9 ҳисобот мансубияти идоравӣ, соҳавӣ ва вазифаҳои ишғолнамудаи шахсони барои содир намудани чунин ҷиноятҳо маҳкумшударо инъикос менамояд.

## §3. Феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта

22. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фасл ё боби махсуси ба ҷиноятҳои коррупсионӣ бахшидашуда надорад. Ин ҷиноятҳо дар таркиби фаслу бобҳои гуногуни Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

23. Муайян намудани доираи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бо дарназардошти мавҷудияти нишонаҳои коррупсия дар кирдори мушаххас анҷом дода мешавад.

24. Ба гурӯҳи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта моддаҳои зерини бобҳои 26, 27, 30, 32 ва 33 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

1) ба шарте ки агар ин кирдорҳо бо истифодаи ваколати мансабӣ содир шуда бошанд:

- моддаи 245 "Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ" (банди "г" қисми 2, қисмҳои 3 ва 4);
- моддаи 246 "Тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда";
- моддаи 247 "Қаллобӣ" (банди "г" қисми 2, қисмҳои 3 ва 4);
- моддаи 265 "Ғайриқонунӣ додани кредит";
- моддаи 268 "Ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ";
- моддаи 269 "Ҳаракати ғайриқонунӣ ҳангоми муфлисшавӣ";

- моддаи 270 "Муфлисии бадқасдона";

- моддаи 271 "Муфлисии сохта";

- моддаи 273 "Кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат" (банди "в" қисми 3);

- моддаи 274 "Барқасдона вайрон кардани қоидаҳои нархгузорӣ, баргузории савдои оммавӣ ё тендер ё музоядаҳо (auксион)";

- моддаи 278 "Ифшои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ";

- моддаи 279 "Ришвадиҳии тиҷоратӣ";

- моддаи 280 "Ришвадиҳӣ ба иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои касбии варзишӣ ва озмунҳои намоишии тиҷоратӣ";

- моддаи 287 "Аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо бо асъори хориҷӣ";

- моддаи 289 "Қочоқ" (банди "б" қисми 4, ба шарте ки агар ин кирдорҳо бо истифодаи ваколати мансабӣ содир шуда бошанд, қисми 5 агар дар гурӯҳи муташаккил субъекти ҷинояти коррупсионӣ иштирок дошта бошад);

- моддаи 318 "Иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ";

- моддаи 319 "Гирифтани пора";

- моддаи 320 "Додани пора";

- моддаи 321 "Иғвои порадиҳӣ";

- моддаи 323 "Сохтакории хизматӣ";

- моддаи 323(1) "Ғайриқонунӣ додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ба ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошанд, ворид намудани маълумоти баръало бардурӯғ";

- моддаи 324 "Гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ";

- моддаи 325 "Додани мукофот ба хизматчӣ";

- моддаи 326 "Ғайриқонунӣ иҷозат додан ба гирифта гаштан ва нигоҳдории силоҳи оташфишон";

- моддаи 327 "Ғайриқонунӣ нигоҳ доштани муҳофизони шахсӣ ва истифодаи техникаи ҷангӣ бо ҳамин мақсад";

- моддаи 338(1) "Ғайриқонунӣ додани қитъаи замин";

- моддаи 340(1) "Сохтакорона тайёр кардан, ба муомилот баровардани маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқат ва ё истифодаи онҳо";

- моддаи 345 "Монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ, таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакӣ" (қисми 3);

2) агар ин кирдорҳо аз ҷониби роҳбари корхона, муассиса ва ташкилоти дигар, сарфи назар аз шакли моликият содир шуда бошад:

- моддаи 257 "Тасарруфи воситаҳои фондҳои кумаки хориҷӣ";

- моддаи 258 "Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ";

- моддаи 259 "Соҳибкории ғайриқонунӣ";

- моддаи 259(1) "Истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ё ба муомилот баровардани мол ва маҳсулоти тамғаношуда";

- моддаи 260 "Ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) ғайриқонунии шахси ҳуқуқӣ";

- моддаи 260(1) "Истифодаи ғайриқонунии ҳуҷҷатҳо барои ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) шахси ҳуқуқӣ";

- моддаи 261 "Бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин";

- моддаи 262 "Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда";

- моддаи 264 "Ғайриқонунӣ гирифтани кредит";

3) агар ин кирдорҳо хусусияти коррупсионӣ дошта бошанд:

- моддаи 291 "Саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ" (банди "б" қисми

2);

- моддаи 292 "Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ";

- моддаи 293 "Саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андозҳо ва (ё) пардохтҳо";

- моддаи 295 "Сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо";

- моддаи 296 "Сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ ё арбитрҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ";

- моддаи 314 "Сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ";

- моддаи 315 "Беамалӣ дар иҷрои вазифа";

- моддаи 316 "Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ";

- моддаи 317 "Соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор";

4) агар ин кирдорҳо аз ҷониби субъекти ҷинояти хусусияти коррупсионӣ содир шуда бошад:

- моддаи 348 "Дидаю дониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бегуноҳ";

- моддаи 349 "Дидаю дониста ғайриқонунӣ баровардани ҳукм, ҳалнома ё дигар актҳои судӣ";

- моддаи 359 "Сохтакории далелҳо" (қисмҳои 2 ва 3);

5) агар ин кирдорҳо хусусияти коррупсионӣ дошта бошанд:

- моддаи 360 "Ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ";

- моддаи 363 "Иҷро накардани ҳукми суд, ҳалномаи суд ё санади дигари судӣ";

- моддаи 391 "Сӯиистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ, аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва хизматӣ баромадан ё бефаъолиятии ҳокимият".

25. Зимни ҳалли масъалаи ҳамчун ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба ҳисобот дохилкунии онҳо бояд мавқеи мансабии шахс, ваколатҳои ӯ, амалҳои ғайриқонуни иҷронамудаи ӯ ба манфиати худ ва дигарон, инчунин аломатҳои дигари таркиби ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ ба назар гирифта шаванд.

## 3.ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ ВОБАСТА БА КОРРУПСИЯ

26. Баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия дар асоси варақаи омории шакли №1ВБ - ҲМК (варақаи баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия) ва ҳисоботи омории шакли №1ҲО - ҲМК (ҳисоботи оморӣ дар бораи вазъи ошкор ва баррасии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия) мутобиқи замимаҳои 2 ва 3 ба роҳ монда мешавад.

27. Варақаи омории шакли №1ВБ - ҲМК (варақаи баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия) аз ду қисм иборат буда, қисми якуми он аз ҷониби шахси ваколатдори ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ошкорнамуда ва қисми дуюм аз ҷониби шахси ваколатдоре, ки ҳуқуқвайронкунии маъмуриро баррасӣ намудааст, пур карда мешавад.

28. Дар қисми якуми варақаи омории шакли №1ВБ - ҲМК (варақаи баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия) бояд маълумоти зерин сабт карда шавад:

- номгӯйи мақоми давлатӣ ва воҳидҳои сохтории он, ки ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ошкор намудаанд;

- мансаб, насаб, ном ва номи падари шахси ваколатдори ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ошкорнамуда;

- рақами тартибӣ ва санаи қайд дар китоби бақайдгирии қисми навбатдории оперативӣ ё дигар воҳиди масъули бақайдгирии мақомоти давлатӣ;

- рақами (силсилаи) протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва санаи тартиб додани он;

- насаб, ном ва номи падари шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содир кардааст;

- санаи таваллуди ҳуқуқвайронкунанда;

- рақами мушаххаси андозсупоранда;

- миллат ва шаҳрвандии ҳуқуқвайронкунанда;

- ҷойи таваллуди ҳуқуқвайронкунанда;

- ҷойи истиқомати ҳуқуқвайронкунанда (доимӣ ё муваққатӣ);

- ҷойи кор ва мансаби ҳуқуқвайронкунанда;

- ҷойи кор ва мансаби ҳуқуқвайронкунанда ба ҳолати содиршавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

- соҳае, ки дар он ҳуқуқвайронкунӣ содир шудааст;

- маълумот оид ба қаблан ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудан ё нашудани шахс (сана, ҳолати кор ва ҷавобгарӣ барои кирдори содиршуда);

- сана ва ҷойи содир гардидани ҳуқуқвайронкунии маъмурии навбатӣ;

- ҳолати ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

- моддаи дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои ҳуқуқвайронкунӣ пешбинӣ менамояд;

- санаи тартиб додани варақаи оморӣ;

- маводи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои баррасӣ аз рӯйи тобеият ба кадом мақом ирсол карда шуд (номгӯйи мақом, сана ва рақами муросилоти содиротӣ);

- имзо, насаб ном ва номи падари роҳбари мақоми давлатие, ки қарор қабул намудааст.

29. Дар қисми дуюми варақаи омории шакли №1ВБ - ҲМК (варақаи баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия) бояд маълумоти зерин сабт карда шавад:

- номгӯйи мақом ва воҳидҳои сохтории он, сана ва рақами муросилоти воридотӣ, мансаб, насаб, ном ва номи падари шахси ваколатдори баррасикунандаи мавод;

- қарори қабулшуда бо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва санаи қабули он;

- маблағи ҷаримаи таъиншуда;

- маблағи ҷаримаи ситонидашуда;

- сана ва рақами ҳуҷҷатҳои пардохтӣ;

- номгӯйи мақомоти судӣ, сана ва рақами муросилоти содиротӣ;

- имзо, насаб ном ва номи падари роҳбари мақоми давлатие, ки қарор қабул намудааст.

30. Субъектҳои баҳисобгирандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба коррупсия мувофиқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои ошкоршудаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро бо тартиб додани протокол ва ҷамъоварии маводи асоснок ба расмият даровварда, маводро дар давоми се шабонарӯз баъд аз дастури роҳбари мақом (ба истисной рӯзҳои ид ва истироҳат) барои баррасӣ ва баҳисобгирии мутамарказ ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ ба воҳидҳои маҳаллию минтақавии он ирсол менамоянд.

31. Маводи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо моддаи 656 (Ғайриқонунӣ гирифтани подош) ва моддаи 657 (Қабул кардани тухфа ва ё дигар хизматрасонӣ барои иҷрои вазифаи давлатӣ аз шахсоне, ки аз рӯйи вазифа тобеанд) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯйи санксияи худ ғайр аз татбиқи ҷаримаи маъмурӣ, инчунин ҷазои мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро пешбинӣ менамояд, баъд аз барасмиятдарорӣ ва тартиб додани варақаи баҳисобгирӣ дар муҳлати на дертар аз се шабонарӯз барои баррасӣ ба суд ирсол карда мешавад.

32. Суд баъд аз баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар банди 31 ҳамин Тартиб пешбинишуда варақаи баҳисобгириро тибқи тартиби муқарраргардида пур карда, дар давоми панҷ шабонарӯз пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани санади судӣ онро барои баҳисобгирӣ ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ ба воҳидҳои маҳаллию минтақавии он ирсол менамояд.

33. Воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида ва муҳлати муайяннамудаи қонунгузорӣ маводи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро баррасӣ намуда, дар давоми се рӯз баъд аз қабул гардидани қарори дахлдор варақаи баҳисобгирии шакли №1ВБ - ҲМК-ро (варақаи баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд) барои баҳисобгирӣ ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

34. Нусхаи ҳуҷҷати пардохтӣ (санади мемориалии бонкӣ) вобаста ба ситонидани маблағи ҷаримаи маъмурӣ, дар ҳолати мавҷуд будан, якҷо бо варақаи баҳисобгирии шакли №1ВБ - ҲМК (варақаи баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия) ё баъдан пас аз пардохт гардидани маблағи ҷаримаи муайяншуда барои баҳисобгирӣ дар муҳлати на дертар аз се шабонарӯз пешниҳод карда мешавад. Маблағи ҷаримаи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия бо ишораи рамзи мушаххаси мақом ба буҷети давлатӣ супорида мешавад.

35. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маълумоти аз варақаҳои баҳисобгирии шакли №1ВБ - ҲМК (варақаи баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия) гирифташуда ҳисоботи ҷамъбастии омориро дар шакли ҳуҷҷатӣ ва электронӣ тартиб дода, (замимаи 2) ҳар моҳ то санаи 10-уми моҳи оянда онро ҳамчун ҳисоботи омори давлатӣ барои мониторинги

омории вазъи муқовимат ба коррупсия ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

36. Ҳисоботи омории шакли №1ҲО - ҲМК (ҳисоботи оморӣ дар бораи вазъи ошкор ва баррасии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия) аз ду фасл иборат буда, дар он маълумот оид ба вазъи ошкор ва баррасии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба коррупсия аз ҷониби субъектони бақайдгиранда ва маълумот оид ба вазъи ошкор ва баррасии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба коррупсия (вобаста ба соҳаҳое, ки дар онҳо ҳуқуқвайронкунӣ содир шудааст) дар вазорату кумитаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар идораҳои давлатӣ пешбинӣ гардида, сабт карда мешаванд:

1) дар фасли 1 маълумоти зерин қайд карда мешавад:

- номгӯйи субъектҳои бақайдгирандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба коррупсия;

- номгӯйи субъектҳое, ки дар фаъолияти кормандони онҳо ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ошкор карда шудааст;

- шумораи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ошкоршуда;

- шумораи шахсони содирнамудаи ҳуқуқвайронкунӣ;

- намуди ҳуқуқвайронкунии маъмурии ошкоршуда;

- маблағи умумии ҷаримаи таъингардида;

- маблағи умумии ҷаримаи ситонидашуда (аз ҷумла аз тарафи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти судӣ ва Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- арзиши молу мулки мусодирашуда;

- шумораи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии баррасишуда, қатъгардида ва дар баррасӣ қарордошта.

2) дар фасли 2 маълумоти зерин қайд карда мешавад:

- номгӯйи субъектҳое, ки дар фаъолияти онҳо кормандони онҳо ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба коррупсия ошкор шудааст;

- шумораи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ошкоршуда;

- шумораи шахсони ҳуқуқвайронкунанда;

- намуди ҳуқуқвайронкунии маъмурии ошкоршуда.

37. Ба ҳисоботи омории шакли №1ҲО - ҲМК (ҳисоботи оморӣ дар бораи вазъи ошкор ва баррасии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия) ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия пешбинӣ шудаанд, дохил карда мешаванд.

38. Феҳристи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ба коррупсия алоқаманд аз чунин номгӯйи ҳуқуқвайронкуниҳо иборат аст:

- моддаи 656 "Ғайриқонунӣ гирифтани подош";

- моддаи 657 "Қабул кардани туҳфа ва дигар хизматрасонӣ барои иҷрои вазифаи давлатӣ аз шахсоне, ки аз рӯйи вазифа тобеанд";

- моддаи 658 "Истифодаи бартарияти бо қонун пешбининагардида ҳангоми гирифтану баргардонидани кредит ва қарз, харидани коғазҳои қиматнок, амволи ғайриманқул ва дигар молу мулк, пардохти андозҳои давлатӣ ва иҷрои уҳдадориҳои дигар";

- моддаи 659 "Додани бартарият ва имтиёзи ғайриқонунӣ ё беасос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми таҳия ва қабули қарорҳо, ҷойгиронидани фармоишҳои давлатӣ ва дигар фармоишҳое, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд";

- моддаи 660 "Риоя накардани тартиби вогузоштани ҳуқуқи моликият ба захираҳои молиявию моддии давлатӣ ё ба истифодаи муваққатӣ додани онҳо";

- моддаи 661 "Сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ";

- моддаи 662 "Ғайриқонунӣ гузаронидани восита ва захираҳои молиявии давлатӣ ба фондҳои интихоботии номзадҳои ҷудогона ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ";

- моддаи 663 "Беасос иҷро накардани санадҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назорат ва суд";

- моддаи 663(1) "Иҷро накардани чорабиниҳои барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ ва нақшаи татбиқи онҳо";

- моддаи 664 "Ба манфиати шахсӣ ё гурӯҳӣ истифода намудани маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаи давлатӣ ба даст омадааст";

- моддаи 665 "Ғайриқонунӣ дахолат кардан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор";

- моддаи 666 "Риоя накардани тартиби нархгузорӣ ва фурӯши молу мулк, тартиби гузаронидани музояда ва тендер";

- моддаи 667 "Ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои асосии давлат";

- моддаи 668 "Риоя накардани тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ";

- моддаи 669 "Тартиб додан, ба расмият даровардан, тасдиқ намудан ё ба қайд гирифтани санадҳо, аҳдҳо ва қарордодҳои таҳрифшудаи ихтиёрдорӣ, истифода ё интиқоли молу мулк";

- моддаи 670 "Ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани монеаҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо";

- моддаи 671 "Ба шахсони мансабдоре, ки вазифаҳои давлатиро иҷро мекунанд, пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ";

- моддаи 672 "Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод накардани хабару маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкунии вобаста ба коррупсия";

- моддаи 673 "Ба мақомот ё шахси ваколатдор пешниҳод накардан ё дер пешниҳод кардани санад ва маводи тафтишу санҷиш";

- моддаи 674 "Саркашии бадқасдона аз барасмиятдарории амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, таҳриф ва нобуд кардани ҳуҷҷатҳо ва ҳисобот";

- моддаи 675 "Дастаҷамъона қабул кардани қарори дорои хусусияти коррупсионӣ".

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

39. Ҳисоботҳои оморӣ оид ба баҳисобгирандаи ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта (ҳисоботи омории "шакли №1-коррупсия" ва "шакли №1 ҲО - ҲМК") шаклҳои дигари амалкунандаи ҳисоботи омории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро иваз ё бекор намекунанд.

40. Маълумоти ба ҳисоботи оморӣ дохилшаванда иловагӣ буда, бояд ба маълумоти шаклҳои дигари амалкунандаи ҳисоботи омории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба меъёрҳои дигари баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ асос ёфтаанд, такя намояд.

41. Шахсони ваколатдори мақомоти давлатӣ барои дуруст пур кардани варақаҳои баҳисобгирӣ, тартиб додани ҳисоботи оморӣ ва сари вақт пешниҳод кардани онҳо ба мақомоти давлатӣ масъул мебошанд.